# БАРГУЗОРИИ ХОНИШИ ИДОРАВӢ ДАР ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

Дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон хониши навбатии идоравӣ баргузор гардид. Хониши мазкурро директори муассиса Сироҷиддин Ниёзӣ ифтитоҳ намуда, дар суханронии худ таъкид кард, ки сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба густариши фазои зеҳнӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии муосири ҷомеа такони ҷиддӣ бахшидааст. Мавсуф зикр намуд, ки Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ҳамчун ташаббуси муҳимми давлативу фарҳангӣ ба болоравии сатҳи китобхонӣ, густариши тафаккури таҳлилӣ ва ҷалби бештари қишрҳои ҷомеа ба арзишҳои маънавӣ мусоидат менамояд. Ба таъкиди ӯ, нақши муассисаҳои илмӣ ва китобхонаҳо дар омода намудани иштирокчиён ба ин озмун махсусан муҳим буда, онҳо метавонанд бо роҳандозии чорабиниҳои мақсаднок саҳми назаррас гузоранд. Ҳамзамон, ӯ ба нуктаҳои муҳимми Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таъкид кард, ки гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ яке аз самтҳои калидии рушди кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, нақши китобхонаҳо ва муассисаҳои илмӣ дар ташаккули саводнокии рақамӣ, дастрасӣ ба захираҳои электронии дониш ва омода намудани кадрҳои рақобатпазир басо муҳим мебошад. Дар идомаи хониш З. Лутфуллоева – мудири китобхонаи илмии муассиса дар мавзуи «Саҳми китобхона дар омода намудани шаҳрвандон ба озмуни ҷумҳуриявии Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баромад намуд. Ӯ дар суханронии худ таъкид кард, ки китобхона ҳамчун маркази муҳимми иттилоотӣ ва маърифатӣ дар ҷалби шаҳрвандон ба фарҳанги мутолиа, омодасозии иштирокчиён ба озмун ва баланд бардоштани сатҳи дониш ва ҷаҳонбинӣ нақши калидӣ дорад. Сипас, Ҳ. Шоҳмамадова – мудири лабораторияи илмӣ-таҳқиқотии муассиса дар мавзуи «Таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар иқтисоди рақамӣ» баромад намуда, иброз дошт, ки гузариш ба иқтисоди рақамӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, барои баланд бардоштани

самаранокии идоракунӣ, рушди соҳибкорӣ ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ заминаҳои мусоид фароҳам меорад. Таъкид гардид, ки ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла, истифодаи зеҳни сунъӣ, дар соҳаҳои маориф ва илм, идоракунии давлатӣ имкон медиҳад, ки сатҳи таҳлил, қабули қарор ва сифати хизматрасонӣ ба маротиб беҳтар гардад. Ҳамзамон, рушди саводнокии рақамӣ ва омодасозии мутахассисони дорои малакаҳои муосир ҳамчун шарти муҳимми воридшавии кишвар ба фазои ҷаҳонии иқтисоди рақамӣ арзёбӣ шуд. Хониши идоравӣ бо муҳокимаи мавзуҳои пешниҳодшуда ва ибрози фикру мулоҳизаҳои ҳозирин идома ёфта, аз натиҷаҳо хулосабарорӣ гардид.













